**ТАҚРИЗ**

**ба диссертатсияи Қаҳорзода Насимҷон Мазбут дар мавзуи «Шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ: масоили мубрами назария, танзими меъёрию ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи он» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ**

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот ва аҳаммияти он.** Рисолаи доктории Қаҳорзода Насимҷон Мазбут дар мавзуи: «Шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ: масоили мубрами назария, танзими меъёрию ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи он» дар назарияи муосири мурофиаи ҷиноятӣ аввалин таҳқиқоти фарогири илмӣ аст, ки ба аҳаммияти присипҳои адолати судӣ ва татбиқи шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ бахшида мешавад. Таҳқиқоти мазкур таҳлил ва омузиши натиҷаҳои амалишавии чаҳор барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон (2007-2021) ва Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон (барои солҳои 2018-2028) фарогир аст.

Дар таҳқиқоти илмӣ шурӯъ аз таҳлили мухтассари зинаҳои таърихии ташаккулёбии шарту қоидаҳои мурофиавӣ, муқоисаи онҳо бо қоидаҳои муосири ба амалбарории адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, ки акнун аз арзиши олӣ эътироф шудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд сарчашма мегиранд, амалишавии шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар таъмини адолати судӣ мавқеи марказиро ишғол кардааст. Ҷолиби диққат аст, ки муаллиф дар натиҷаи таҳлили сарчашмаҳои таърихиву ҳуқуқӣ пайдоиш ва рушди шартҳои умумии муҳокимаи судиро вобаста ба зинаҳои инкишофи ҳаёти ҷомеа ва танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ даврабандӣ кардааст.

Дар қисматҳои рисолаи мазкур масъалаҳои таҳқиқшаванда аз руи мазмун мантиқан пайдарҳам ва дуруст мавриди муҳокимаронӣ гаштаанд. Муаллиф аҳаммияти риоя ва иҷрои шартҳои умумии муҳокимаи судиро, ки қонун муқаррар кардааст, танзими ҳуқуқӣ ва тартиби ҳалли одилонаи

масъалаҳои мурофиавии ҷиноятиро ҳангоми баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ бо назардошти амалияи судӣ, аз нуқтаи назари таъмини кафолатҳои конститутсионии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таҳлил кардааст.

Муаллиф бо таҳқиқоти илмӣ асоснок мекунад, ки судҳои ҷумҳурӣ сифати ба амал баровардани адолати судиро оид ба баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ беҳтар ба роҳ мондаанд, ҳукм ва қарорҳои судӣ бештар бо риояи талаботҳои меъёрҳои ҳуқуқии мурофиавию моддӣ баровардa шуда, ҳолатҳои вайрон кардани ин қонунҳо камтар ба назар мерасад. Вале ҳолатҳое низ номбар шудаанд, ки судяҳо ба вайронкунӣ ва татбиқи нодурусти қонунҳо роҳ медиҳанд, ба яктарафа ва нопурра гузаронида шудани таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ эътибори ҷиддӣ намедиҳанд, ки дар натиҷа ҳукм ва қарорҳои судӣ, бинобар шикоят ва эътироз овардани тарафҳо аз ҷониби судҳои болоӣ бекор мешаванд. Бо таҳқиқоти маълумоти оморӣ муаллиф муайян кардааст, ҳангоми ҳаллу фасли масъалаи баррасии парванда дар мурофиа аз ҷониби судяҳо қонеъ кардани арзу дархости тарафҳо беасос рад карда мешавад, аҳаммияти иҷтимоӣ доштану рӯзмарра будани баррасии одилонаи парвандаҳои мушаххас, моҳияти ҷинояти содиршуда, маълумот дар бораи шахсияти судшаванда ба инобат гирифта намешавад.

Бинобар ин, муаллиф барои танзими боэътимоди ҳуқуқӣ ва ҳалли саҳеҳи ин масъалаҳо, дарёфти роҳҳои ноил шудан ба ҳадафи мурофиаи ҷиноятӣ, таъмини кафолатҳои мурофиавӣ, бартараф карда шудани муаммоҳои дар назария ва камбудиҳои дар амалияи мурофиаи судӣ ҷойдошта, хулоса ва тасияҳои худро пешбарӣ ва асоснок мекунад. Дар таҳқиқоти илмии мазкур масъалаҳое, ки ба риоя ва иҷрои шартҳои умумии пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ алоқамандӣ доранд, сабабҳои хатогиву камбудиҳои дар амалия ҷойдошта, роҳҳои бартараф карда шудани онҳо ба таври мушаххас, аз назари меъёрӣ ва амалияи судӣ номбар мешаванд, ки қобили дастгирӣ мебошанд.

Хулосаҳои муаллифро вобаста ба он, ки пешбурди ошкорои парвандаҳои ҷиноятиро на танҳо дар марҳилаи аввали муҳокимаи судӣ, балки дар ҳамаи марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ вуҷуд дорад ва набояд инкор ё маҳдуд карда шавад. Ягон меъёр пешбинӣ намекунад, ки ҷараён ва натиҷаи амалҳои мурофиавии тосудӣ (тафтишӣ) хусусияти махфӣ, пинҳонӣ ё ғайриошкоро дошта бошанд. Ин нуқтаи назар асоси расмӣ ҳам дошта, дар қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст. Чунки муҳокимаи ошкорои парвандаи ҷиноятӣ моҳияти расмию давлатӣ дошта:

а) шакли иштироки аҳли ҷомеа (доираи васеи шаҳрвандон) дар амалӣ гардидани адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ;

б) шакли амалисозии ҳокимияти халқ, имконияти иштироки аҳли ҷомеа (ба сифати тарафҳо) дар қабули қарорҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ;

в) иштироки ҷомеа дар амалинамоии намуди муҳимтарини ҳокимияти давлатӣ – ҳокимияти судӣ ва таъмини адолати иҷтимоӣ;

г) шакли ҳуқуқии назорати аҳли ҷомеа (халқӣ) аз болои фаъолияти мақомоти судӣ мебошад.

Бинобар ин, муҳокимаи ошкорои парвандаи ҷиноятӣ аҳаммияти муҳими мурофиавӣ ва расмӣ дошта, амалишавии меъёрҳои конститутсионӣ, иштироки намояндагони доираи васеи иҷтимоиро дар ҷараёни амалисозии адолати судӣ таъмин намуда, муҳокимаи ошкорои парвандаи ҷиноятиро ҳамчун минбари демократӣ таҷассум менамояд.

Ба андешаи мо, натиҷаи таҳқиқоти илмии муаллиф имконият медиҳад, ки дар амалияи судӣ шарту шароите барпо карда шавад, ки ҳангоми баргузории муҳокимаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ иштирокчиёни мурофиаи судӣ, тарафҳо, аз ҷумла судшаванда (ҳимоятгари ӯ) ва ҷабрдида (намояндаи ӯ) чун тарафҳои манфиатдори муҳокимаи судӣ ба маҷлиси суд омода шаванд, то ки бо усул ва воситаҳои муқаррарнамудаи қонун ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои худро ҳимоя намоянд, барои омодагӣ ба моҳиятан

баррасӣ ёфтани парванда ба таври кофӣ вақт ва имконият дошта бошанд, инчунин ҳифзи ҳуқуқи шахсӣ ва молумулкии худро дар ҳама марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ таъмин намоянд, ки дар натиҷа ба риоя ва иҷрои принсипҳои адолати судӣ тавассути амалишавии воқеии шартҳои умумии муҳокимаи судӣ тақвият бахшида шавад.

Баробари ҷиҳатҳои мусбӣ дар рисола масъалаҳои баҳсангез ба мушоҳида мерасанд. Аз ҷумла муаллиф оид ба мубоҳиса ва баробарии тарафҳо нуқтаи назари ҷолибро пешбарӣ намуда, лекин ҷиҳати бе иштироки ҷабрдида баррасӣ ёфтани парвандаи ҷиноятӣ ва бинобар ҳозир нашудани даъвогари гражданӣ ё намояндаи ӯ бе баррасӣ мондани даъвои гражданиро мариди таҳлили фарогир қарор надодааст. Мехостем андешаҳои муаллифро ҷиҳати мутобиқати бе иштироки шахсони манфиатдор баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ ба принсипи мубоҳиса ва баробарии тарафҳоро ошкоро шунавем.

Дар идома аз ҷониби муаллиф таъкид мегардад, ки яке аз роҳҳои таъмини кафолатҳои мурофиавӣ ҳангоми пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ кафолати ҳифзи судӣ мебошад, ки тавассути қоидаҳои умумии муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ таъмин мегардад. Ҳамзамон муаллиф қайд менамояд, ки барои амалӣ шудани ҳуқуқҳои номбурда қонун ба судшаванда ва ҷабрдида кафолат додааст, ки манфиатҳои қонунии худро бо тамоми восита ва усулҳое, ки хилофи қонун нестанд, ҳифз кунад. Меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятии амалкунанда судро тавассути шартҳои умумӣ муаззаф намудааст, ҳуқуқу озодиҳои шахсро, ки дар муҳокимаи судӣ иштирок мекунад, ҳимоя намуда, баҳри таъмину татбиқи онҳо ва қонеъ гардонидани дархости қонуниашон чораҳои саривақтӣ андешад.

Бинобар ҳолатҳои номбаршуда, таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ: масоили мубрами назария, танзими меъёрию ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи он» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9 - Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи "Тартиби

додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ буда, рисола метавонад ба муҳокимаи шуро пешбарӣ карда шавад.

**Муқарриз:**

сармутахассиси Раёсати ҳуқуқи дастгоҳи
Раиси шаҳри Душанбе,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Давлатзода К.Д.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
ноҳияи Сино, кӯчаи Асадулло Ғуломов 35, хонаи 9,
Тел.: корӣ 221-06-10. Мобилӣ 93-823-18-23,
E.mail: komron231823@gmail.com

Имзои Давлатзода К.Д.-ро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳои дастгоҳи
Раиси шаҳри Душанбе
«18» 05 соли 2026 Сайдуллозода Ф.Ф.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 42.
Тел.: +992 (37) 223-06-10, E.mail: info@dushanbe.tj